**АТО МИРХОҶА**

# Маъсума



**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2019**

**УДК 37тоҷик+821-93+82:398**
**ББК 84тоҷик7-4+83.8+74.200,53**
**М-65**

**М-65.** Ато Мирхоҷа. **Маъсума.** Душанбе, Маориф, 2019. 20 саҳ.

«Маъсума» аз як марҳилаи хеле ҳассос, пурдард, муҳим ва сарнавиштсози духтари нобиное қисса мекунад, ки ба хотири мушкил эҷод накардан ба зиндагии падару модар тасмим мегирад муддате аз онҳо дур бошад. Ӯ на танҳо тайи ин муддат ба дурӣ аз волидайн таҳаммул месозад, балки бо талошу мубориза миёни ҳамдарсон ва омӯзгорон бо рафтори наку ва дониши хубу истеъдоди овозхонӣ аз муҳаббати ҳамагон бархӯрдор мегардад ва дар ниҳояти кор оилаи худро бори дигар ба ҳам мепайвандад.

**ISBN 978-99947-1-581-7** **©Маориф, 2019**



Падару модари Маъсума хеши наздик буданд. Фарзанди нахустини онҳо – Маъсума нобино таваллуд шуд.

Маъсумаро ба шифохонаҳо бурданд. Аммо бенатиҷа. Маъсума ҳафтсола шуд. Ба мактаб ӯро қабул накарданд. Роҳбари мактаб маслиҳат дод, ки Маъсумаро ба парваришгоҳи нобиноён баранд.



Рӯзе Маъсума суҳбати волидонашро шунид:

– Ман дирӯз ба парваришгоҳи нобиноён рафтам. Шароити хуб дорад. Барои нобиноён китобу дафтарҳои махсус доранд.

– Дар ҷойи бегона аҳволаш чӣ мешавад?

– Маъсума, бояд таҳсил кунад. Дар оянда азоб намекашад, – гуфт падар

– Чӣ илоҷ? Агар зарур бошад, сабр мекунем. Лекин Маъсума чӣ мегуфта бошад? Оё розӣ мешавад? – гӯён гиря кард модар.



Гиряи пуралами модар дили Маъсумаро пора-пора кард. Аз чашмонаш ашк равон шуд. Дарун-дарун мегирист.

Дилаш мехост муъҷиза рух диҳаду чашмонаш бино гарданд ва ӯ дастёри падару модар гардад.

– Модарҷон, аз телевизион шунидам, ки барои нобиноён мактаб будааст. Ба падарам гӯед маро он ҷо баранд. Хондану навиштанро ёд гирам, – гуфт рӯзе Маъсума.



– Оҳ, ширинаки ман. Дар он ҷо азоб накашӣ мегӯям. Падарат ҳам рӯзҳои наздик ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Ман танҳо зиқ мешавам, – гуфт модар Маъсумаро ба оғӯш гирифта.

– Ҳар ҳафта рӯзҳои истироҳат ва вақти таътил гирифта меоред ба хона. Ба падарам гӯед маро ба мактаби нобиноён баранд, – илтимос кард Маъсума.

– Агар хоҳиши хондан дошта бошӣ, ба падарат мегӯям, – гуфт модар.



Маъсума дугонаҳои зиёд дошт. Лекин бо духтари холааш – Гулсум хеле меҳрубон буд. Гулсум ҳар рӯз назди Маъсума омада ҳамроҳ бозӣ мекарданд. Ӯро кӯча ё ба ҳавлиашон мебурд.

Медонӣ, маро падарам ба мактаби нобиноён мебарад, – гуфт Маъсума.

– Не, нарав. Баъд ман бо кӣ бозӣ мекунам? – гуфт Гулсум.

– Ман ҳар ҳафта меоям. Соли оянда ту ҳам мактабхон мешавӣ. Ман бо кӣ мемонам. Беҳтараш, ту аз аҳволи модарам бохабар шав – хоҳиш кард Маъсума.



Падари Маъсума назди онҳо, ки машғули бозӣ буданд, омада гуфт:

– Маъсума, хоҳиши ба мактаби нобиноён рафтан дорӣ?

– Бале, падарҷон.

– Ман парваришгоҳро дидам. Шароиташ хуб. Роҳаш ҳам он қадар дур не. – гуфт падараш.

– Модарам гуфт, ки шумо ба хориҷа меравед – пурсид Маъсума.

– Бале, ҷони падар. Номнавис карда будам, даъватнома омад. Ман бояд моҳи оянда равам, – гуфт падар сари Маъсумаро навозиш карда.



Баъди чанде падараш Маъсумаро ба парваришгоҳ овард. Маъсумаро хуш қабул карданд. Ҳамсинфонаш аз ҳар гӯшаву канори кишвар буданд. Муаллима хонандагонро ба ҳамдигар шинос кард. Тартибу речаи мактабро фаҳмонд. Дар баробари муаллима боз мураббияҳо вобаста буданд. Ҳарчанд гуфтанд, ки хотирҷамъ шуда равед, лекин модари Маъсума паси дари синфу падараш назди посбони парваришгоҳ то бегоҳӣ истоданд. Рӯзи дигар боз модараш омада ӯро хабар гирифт.



Таҳсил дар парваришгоҳ хуб буд. Майдончаҳои варзишӣ барои нобиноён ва ҳавзи шиноварӣ дошт. Ошхонаи пурнақшу нигор дар хизмати хонандагони интернат буд. Мураббияҳо ба ҳар як хонанда машғулияти хосса мегузарониданд. Ҳамин тавр, Маъсума синфи якуму дуюмро хатм карда, ба синфи сеюм гузашт. Хондану навиштанро ёд гирифт. Рӯзҳои истироҳат модараш ӯро ба хона мебурд.



Мураббии Маъсума бисёр зани хоксору ҳалим буд. Маъсума бо ӯ зуд унс гирифта буд. Маъсума гоҳ-гоҳ сурудҳои дӯстдоштаашро замзама мекард. Мураббия сурудҳои Маъсумаро шунида, ӯро назди роҳбари бадеии дастаи ҳаваскорони парваришгоҳ бурд.



Роҳбари дастаи ҳаваскорон хоҳиш кард, ки сурудеро сарояд. Маъсума суруди «Модар»-ро сароид:

– Духтарам, ту овози ҷаззобу дилнишин дорӣ. Ман туро ба дастаи овозхонон ҳамроҳ мекунам. Маъсумаро ба гурӯҳ аъзо карданд.

Дастаи ҳаваскорони парваришгоҳ макони дӯстдоштаи Маъсума гардид.



Ҳамсабақону омӯзгорон дар муддати кӯтоҳ мафтуни садои хуши Маъсума шуданд. Овозааш дар тамоми парваришгоҳ паҳн гашт. Ҳар ҳафта сарвари парваришгоҳ барои тарбиятгирандагон маҳфили шеъру суруд меорост. Маъсума гули сари сабади ин маҳфил буд.

Шабе Маъсума ба ёди падар чанд мисраи шеър рӯйи коғаз овард ва онро «Падар» ном гузошт. Рӯзи дигар шеърашро ба роҳбари бадеӣ нишон дод.



Устодаш баъди мутолиаи шеър ба Маъсума нигариста гуфт:

– Маъсума, давоми ҳафта ба ин шеър оҳанг мебандам. Беҳтарин суруд мешавад. Устодаш ба ваъдааш вафо карда, оҳанги дилнавозе баст. Маъсума сурудро хеле хуб сароид. Шуҳрати сарояндагии Маъсума рӯз аз рӯз меафзуд. Ӯро ба чорабиниҳои гуногун даъват мекарданд ва бо садои ҷаззобу сурудҳои дилнишинаш мухлисони зиёд пайдо кард.



Сурудҳои Маъсумаро дар оинаи нилгун ва радио сабт намуда, манзури шунавандагон мегардонданд. Бахусус, суруди «Падар» мухлисони зиёд пайдо кард. Падараш дар сомона суруди «Падар»-ро шунида дигар маҷоли кор накард. Ҳисобӣ карду ба ватан баргашт.




Дар назди қасри фарҳанг эълони баргузории консерт ва расми Маъсума овезон буд. Дар хиёбону чорроҳаҳои сераҳолии пойтахт овезаҳои Маъсума ширеш шуда, дар даромадгоҳи кохи консертӣ расми барқади Маъсумаро монда буданд. Падараш ин овезаҳоро дида ашки шодӣ мерехт



Рӯзи дигар зану шавҳар дастагуле гирифта ба қасри фарҳанг омаданд. Барои хотирпарешон накардани Маъсума аз омаданашон хабар надоданд. Навбати сароидани Маъсума расид. Падар, ки ду сол Маъсумаро надида буд, бо меҳр сӯйи Маъсума нигариста, ба сурудхонии ӯ гӯш медод. Маъсума чанд суруди дилошӯб хонду дар охир суруди «Падар»-ро сароид.



Падар беихтиёр аз ҷой хеста сӯйи духтараш қадам зад.

– Духтарам!

Маъсума, ки ин лаҳза сурудро ба охир расонида буд, садои падаршро шинохт.

– Падарҷон!

Тамошобинон тахти кафкӯбиҳо Маъсума ва падарашро гулборон намуданд.



Бо хоҳиши падараш Маъсума бори дигар суруди «Падар»-ро такроран сароид. Тамошобинон аз ҷой бархоста кафкӯбӣ мекарданд. Дар охир роҳбари бадеӣ ба саҳна баромада, Маъсумаро табрик намуд ва ба ӯ сухан дод.

– Ташаккур барои дастгириатон, – ба тамошобинон миннатдорӣ намуда, суханашро идома дод Маъсума – ман нобино нестам. Чашми бинои ман ин падару модар, омӯзгорони азизам, мураббияҳои мушфиқу ғамхорам ва дар охир овозам, ки падарамро наздам овард.

– Бале, Маъсума, ту нобино нестӣ, – гуфт падар ва дасти бадаст аз саҳна баромаданд.

**АТО МИРХОҶА**

# МАЪСУМА

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Н. Салоҳиддинзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | З. Саъдуллоев |
| Рассом | Ҳ. Чиллаев |
| Тарроҳон | З. Саъдуллоев, |
| | М. Мирзоева |

Муаллифи китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба Рушди байналмилалӣ (USAID) ва Фонди Оғохон барои дастгирии молиявиашон дар нашри ин китоб миннатдории худро изҳор менамояд.
Китоби мазкур дар доираи лоиҳаи «Робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: сохтори молиявӣ барои рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон» ба нашр расидааст.

Ба чоп 12. 09. 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 1,25. Адади нашр 7900 нусха.
Супориши № 104/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail. ru

Дар матбааи ЧДММ «Офсет»
ба табъ расидааст.